## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Каримов Аслам Азамжонович дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа**

Таҳлилу баррасии вазъи иҷтимоию сиёсии тоҷикон дар асрҳои X-XII ва таъсири мутақобилаи дин ва фалсафа дар афкори мардуми он давра, яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, то ба ҳол мавриди омӯзиши дақиқ қарор нагирифтааст.

Файласуфон ва орифони тоҷик мутафаккироне буданд, ки дар муҳити душманона, дар шароити таъқиботи доимӣ, озмоишҳои душвортаринро устуворона паси сар кардаанд.

Дар кори диссертатсионии Каримов А. А. масъалаҳои ҳастишиносӣ дар таълимоти равияҳои фалсафӣ ва динии асрҳои X-XII таҳлилу баррасӣ шудаанд. Машҳуртарин самтҳои афкори фалсафии асримиёнагии тоҷик равияҳои фалсафӣ ва динӣ-фалсафии машшоияи шарқӣ, исмоилия, калом ва тасаввуф мебошанд. Мубоҳисаҳои байни онҳо, ҳамчунин дар дохили ин равияҳо, байни намояндагони алоҳидаи онҳо ба инкишофи афкори фалсафӣ мусоидат карданд.

Дар кори диссертатсионии Каримов А. А. ақоиди динӣ, фалсафию илмӣ ва ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик дар асрҳои X-XII, дар таърихи маданияти маънавии ҷаҳонӣ, мақоми вижаро ишғол мекунад. Таҳлили таълимоти ҷараёнҳои мухталифи динию фалсафии ин давр, дар Мовароуннаҳру Хуросон аз нигоҳи илмӣ ва назариявӣ хеле зарурӣ ва саривақтӣ мебошад. Муҳиммияти кори таҳқиқотии мазкур дар он ифода меёбад, ки таълимоти ҳастишиносии равияҳои машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷик мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтаанд ва намояндагони барҷастаи ин ҷараёнҳо – Ибни Сино ва Мустамлии Бухорӣ бо кору фаъолияти худ, бо истифода аз таълимоти динию фалсафӣ, барои ба эътидол овардани вазъи замони худ – адолат, сулҳ ва дӯстии байни мардум тарвиҷ карда, дар ташаккули тамаддуни тоҷикон саҳми арзанда гузоштаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллифи рисола ба хулосае омадааст, ки пажуҳиши роҳҳои дарк ва масъалаҳои онтология дар таълимоти фалсафию динӣ, муайян намудани ягонагӣ ва вижагиҳои он дар муқоиса бо динҳои насронию яҳудӣ, муайян кардани воқеияти ҳақиқии ҷаҳонбинии исломӣ, дар заминаи бисёрфарҳангӣ, бо

фундаментализми онтологӣ имконпазир аст. Аз ин рӯ, иқдоми диссертант дар ин ҷода қобили дастгирӣ буда, мавзую муҳтавои диссертатсия ва автореферати он ба шиносномаи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа, ки аз рӯи он ба шурои диссерататсионии 6D.КОА-092 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо дода шудааст, мутобиқат мекунад. Мавзуи мазкур ва муҳтавои диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки илми ҷумҳурӣ, дар шинохти осори гузаштагон ва бознигарии таълимоти онҳо, дар доираи манфиатҳои миллии мо ҷавобгӯ мебошад.

Мақолаҳои нашрнамудаи диссертант Каримов А. А. муҳтавои кори диссертатсиониро инъикос менамоянд, зеро дар онҳо масъалаҳои омӯзиш ва таҳлили афкори фалсафию ирфонии равияҳои машшоияи шарқӣ ва тасаввуф мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Диссертатсияи Каримов А. А. дорои аҳамияти назариявию амалӣ буда, мустақилона навишта шудааст ва ба мавзуи мубрами рӯз, яъне масъалаҳои ҳастишиносӣ тааллуқ дорад. Диссертант мавқеи дурусти таҳқиқотӣ ва методологиро интихоб намуда, мафҳумҳои бунёдии ду консепсияи фалсафии асримиёнагии тоҷикро, дар доираи назарияҳои илмии муосир банду баст намудааст.

Саҳми бевоситаи унвонҷуй дар таҳқиқот тавассути интишори мақолаҳои илмӣ оид ба мавзуи кор, баромадҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ ва илмию назариявии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ, инчунин дар санҷиши амалии натиҷаҳои диссертатсия баён шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот, бо интихоби далелҳои муътамад, маводи интишоротии фарогири пажӯҳиш, такмили натиҷаҳои таҳқиқот, дар нашрияҳои илмӣ тасдиқи худро ёфтаанд. Хулоса ва тавсияҳо тавассути таҳлилҳои илмию муқоисавии натиҷаҳои назария ва амалияи таҳқиқот асоснок карда шудаанд. Кори диссертатсионӣ баёнгари он аст, ки диссертант дар матни диссертатсия мавқеи илмии худро асоснок кардааст. Диссертант дорои қобилияти илмӣ буда, муваффақ шудааст, ки моҳияти илмӣ ва фалсафии мавзуъро баён созад. Зиёда аз ин бо мақсади дар амал татбиқ намудани натиҷаҳои рисола пешниҳодҳои мушаххасро пешкаш намудааст.

Комиссияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи Каримов А. А. дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, ба тамоми талаботи таҳқиқоти илмӣ, муқарраротии

муайянкардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-092 барои ҳимоя кардан қабул карда шавад.

Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ оид ба диссертатсияи Каримов А. А. дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа, мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Зиёев Идибек Ғозиевич – доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессори кафедраи диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;
- Зикирзода Ҳобил – доктори илмҳои фалсафа, дотсент, декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон.
- Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ тавсия дода шавад.
- Барои гузоштани эълони ҳимоя матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
- Пешниҳод карда мешавад, ки барои нашр ва паҳнкунии автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Каримов Аслам Азамжоновичро дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа пешниҳод гардидааст, баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Каримов А. А. дар мавзуи «Масоили ҳастишиносӣ дар фалсафаи машшоияи шарқӣ ва таълимоти тасаввуфии тоҷику форс дар асрҳои X-XII (таҳлили муқоисавӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 09.00.03. – Таърихи фалсафа мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- Зиёев Идибек Ғозиевич – доктори илмҳои фалсафа, и.в. профессори кафедраи диншиносии факултети фалсафаи ДМТ;
- Карамхудоев Шукрат Худоназарбекович – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;
- Зикирзода Ҳобил – доктори илмҳои фалсафа, дотсент, декани факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон;

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Ахмедов С. А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа Ниёзӣ Ё. Б.

доктори илмҳои фалсафа Муминов А.И.

«12» 06. соли 2025